Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Изатуллои Ҳабибзод дар мавзуи “Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003-Амнияти иқтисодӣ) пешбини шудааст.**

Дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди миллӣ ҳалли масъалаҳои амнияти иқтисодӣ бахусус амнияти молиявӣ таваҷҷӯҳи хосаро талаб менамояд. Бояд қайд кард, ки рушд ва ташкили системаи амнияти иқтисодӣ бидуни устуворгардонии амнияти молиявии он имконнопазир аст. Бинобар ин сабаб таҳқиқи самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии саривақтии он хеле мавзуи мубрами илмӣ мебошад.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф самтҳои назариявии устуворгардонии амнияти молиявиро дар шароити нави иқтисодӣ зери таҳлил қарор дода, адабиётҳои барзиёди олимон ва коршиносони ватанию хориҷиро таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқотҳои илмӣ ба масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ ва умумиқтисодӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир шуда бошад, ҳам то ҳол масъалаи таъмини амнияти молиявӣ ба дараҷаи назаррас мавриди таҳқиқот қарор дода нашудааст. Аз ин лиҳоз суханҳои болозикр мубрам будани мавзуи диссертатсиониро исбот мекунад.

Муаллиф тавонистааст таъмини амнияти молиявиро ҳамчун ҳадафи стратегии рушди низоми молиявӣ асоснок намуда, маҷмӯи тадбирҳои умумӣ, усулҳо ва воситаҳои бо ҳам алоқаманди иқтисодӣ, ташкилӣ ва танзимкуниро дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи низоми молияи мамлакат аз таъсирҳои таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ аниқ намояд.

Дурусти ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи аниқ ва мақсаднокии сарчашмаҳои омори оид ба масъалаҳои устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодабари дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шудааст.

Натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар қисмати хулосавии автореферати диссертатсия аз рӯи мавзуи таҳқиқотшуда оварда шудааст, ки аҳамияти баланди илмию амалии корро нишон медиҳад .

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Дар автореферат аз ҷониби муаллиф ба таҳлили таҷрибаи хориҷӣ, ки маҳз ба устуворгардонии амнияти молиявӣ равона гардидааст, дида намешавад.
2. Ба манфиати кор мешуд, агар аз ҷониби муаллиф таҳлили муқоисавии механизмҳои устуворгардонии амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳоро пешниҳод мекард.

Пешниҳодҳои баррасигардида моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва характери тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи тақризшавандаи (аз рӯи автореферат) пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ инъикос менамояд. Умуман, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки диссертатсия ба талаботҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯй буда, муаллифи он Изатуллои Ҳабибзод арзандаи дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 - Амнияти иқтисодӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Профессори кафедраи назарияи иқтисод
ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии )
Россия ва Тоҷикистон, д.и.и.,профессор,
академики Академияи байналхалқии
илмҳои мактабҳои олӣ Комилов С.Ҷ.

Имзои Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам :
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

Суроғаи донишгоҳ: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода,30, саҳифаи интернетӣ sirodj1950@mail.ru Телефон: (992) 221-35-50